Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Раҳмон Д.С._____
«29» сентябри соли 2022.

ХУЛОСАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК ВА ЖУРНАЛИСТИКАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна таҳти унвони **«Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 –забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст. Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба анҷом расидааст.

Роҳбари илмӣ: Шаҳбозбек Кабиров – номзади илмҳои филология, профессори кафедраи забони адабии муосири тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забоншиносӣ ва таърихи забон ва забони тоҷикии умумидонишгоҳӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, аз таърихи 28.03.2020, қарори №8 ба ҳимоя тавсия шудааст.

Шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика диссертатсияи Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар»-ро бо ширкати муқарризон Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ва Шералиева Садбарг Мачидовна номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва муҳокима намуд. Сараввал д.и.ф, профессор Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна, дар баромади хеш нисбат ба диссертатсияи Ҷалилова А.Н. иброз доштанд, ки мавзуъ хеле саривақтӣ интихоб шудааст. Масъалаи таҳқиқ ва омӯзиши хусусиятҳои унсурҳои омиёнаро барои таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ чун лексикология, таҳлили матни бадеӣ, услубшиносӣ истифода бурд.

Диссертатсия мувофиқ ба талаботи навтарин таҳия гардида, дар баробари дастовардҳо як қатор камбудиҳо низ дорад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо, доираи фарогирии маводи диссертатсия хеле васеъ аст. Онро метавон дар доираи маҳдудтар низ таҳлил кард.

2. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёт дар шакли нодуруст оварда шудааст.

3. Мундариҷаи рисола дар шакли васеъ сохта шудааст.

Муқарриз н.и.ф., дотсент Шералиева Садбарг Мачидовна мавзуъро барои рушди илми забоншиносӣ, махсусан, бахши лексикологияи забони тоҷикӣ муҳим арзёбӣ намуд. Ҳамчунин, таъкид доштанд, ки омӯзиши мавзуи мазкур, барои такмилу инкишофи забони тоҷикӣ ва таҳқиқи масоили назариявии лексикӣ ва услубии осори беҳтарини адабиёти муосир маводи пуарзиш медиҳад.

Рисолаи мавриди назар, ки аз ҷониби диссертант Ҷалилова А.Н. таҳия шудааст, маҳз ба ҳамин мавзуъ бахшида шуда, аввалин таҳқиқотест дар омӯзиши унсурҳои омиёнаи ашъори Ашӯр Сафар. Рисола дар доираи се боб ва фаслҳои алоҳида ба ҳалли илмии мавзуи интихобшуда бахшида шудааст. Дар бобҳои алоҳида муҳаққиқ оид ба хусусиятҳои сохторию маъноии вожаҳои омиёна ва фразеологизмҳо андешаронӣ намуда, мавқеи илмии худро муайян намудааст.

Дар рисолаи такризшаванда дар баробари комёбию муваффақиятҳои зиёди илмӣ баъзе нуктаҳои баҳсталаб ва мавридҳои номафҳум ба назар

мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо зарур буда, барои боз ҳам болоравтани эътимоднокии илмии рисола муфид хоҳанд буд:

1. Ба андешаи мо, дар қисмати «Мубрамии мавзуи таҳқиқот» на ҳама нуктаҳое, ки мубрамии мавзуи интихобшударо бояд нишон диҳанд, оварда шудаанд. Ҳол он ки мавзуъ хеле мубрам арзёбӣ шуда, диссертант метавонист ба таври хеле мухтасар зарурати интихоб ва муҳиммии онро дар ин қисмат иброз медошт.

2. Беҳтар мебуд, агар дар қисмати хулосаи рисола натиҷагириҳои бадастомада дар шакли тезисҳои мушаххас бе такрори фикрҳо нишон дода мешуданд.

3. Рисола аз ғалатҳои имлоиву услубӣ орӣ набуда, ба таҳрири ниҳоӣ ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба баромади муқарризон – доктори илми филология, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна ва номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шералиева Садбарг Маҷидовна нисбат ба муҳиммияти илмии диссертатсияи Ҷалилова А.Н. ба чунин хулоса омад:

Натиҷаҳои бадастовардаи муҳаққиқ бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» метавонанд ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ ва луғатнигорӣ мусоидат намоянд.

Муҳаққиқ қайд намудааст, ки дар забони тоҷикӣ оид ба унсурҳои омиёна ягон таҳқиқоти мукаммали илмӣ анҷом дода нашудааст. Бо назардошти ин, дар доираи ин диссертатсия тасмим гирифта шуд, ки низоми муайянгардидаи таҳлили лексикии забони омиёнаи ашъори А. Сафар барои таҳқиқи минбаъдаи илмию назариявӣ дар ин самт метавонад ҳамчун замина хидмат намояд.

Аспирант ҷиҳати ба мақсаду ҳадафҳои худ ноил шудан ҳаллу фасли вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– ҷамъоварӣ ва гурӯҳбандӣ намудани вожа ва таркибҳои омиёна, аз осори Ашӯр Сафар ва нишон додани тобишҳои маъноии онҳо;

– таъйину асоснок намудани ҷанбаи назарии мавзуи таҳқиқ;

– инъикоси ғӯиши мардуми Хатлон дар мафҳумҳои хешутаборӣ;

– инъикос намудани хислати манфии қаҳрамонҳо бо ҷилоҳои махсуси манфӣ;

– муайян намудани муносибатҳои маъноӣ ва ҷузъҳои грамматикии ибораҳои фразеологӣ;

– услуби дигаргун намудани зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва ба таври хосса истифода намудани онҳо аз тарафи шоир;

Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:

– усулҳо ва баъзе аз қонуниятҳои пайдоиш, рушду инкишоф, ташаккулу таҳаввули таърихии вожаҳои омиёна муқаррар карда шудаанд;

– таҳлили муқоисавии вожаҳои омиёна дар баъзе мавридҳо дар қиёс бо маҳалҳои минтақаҳои Тоҷикистон ба амал оварда шуд;

– вожаҳои омиёнае, ки дар ашъори Ашӯр Сафар истифода гардидаанд, баъзеашон ба захираи забони адабии муосири тоҷик дохил гардида, онро мукаммал намудаанд;

– пажуҳишу баррасии таърихиву муқоисавии решашиносии бархе аз вожаҳои омиёна то андозае анҷом дода шудааст;

Муҳтавои мавзуи диссертатсия дар 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

[1-М]. Ҷалилова, А. Н. Ибораҳои тасвирии изофӣ дар ашъори Ашӯр Сафар / Ҷалилова А. Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №4/5. – С. 18-20.

[2-М]. Ҷалилова, А. Н. Ибораҳои фразеологии феълӣ ва хусусияти онҳо дар ашъори Ашӯр Сафар / Ҷалилова А. Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017. – №4/6. – С. 19-23.

[3-М]. Ҷалилова, А. Н. Вожаҳои баёнгари эҳсосоту майлҳои иродавии манфӣ дар ашъори Ашӯр Сафар / Ҷалилова А. Н // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – №3. – С. 86-90.

Барои расидан ба мақсаду ҳадафҳои таҳқиқ муҳаққиқ ба пажуҳиши назарии соҳаи лексикология В. В. Виноградов, Ю. Х. Рубинчик, М.

Шукуров, Н. Маъсумӣ, Ҳ. Мачидов, Т. Максудов, Ғ. Ҷураев, Ш. Рустамов, Б. Камолиддинов, Р. Ғаффоров, Д.Хоҷаев, Ш. Кабиров такя намуда, аз онҳо самаранок истифода бурдааст.

Навоварии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки унсурҳои забони омиёна дар мисоли ашъори устод Ашӯр Сафар бори нахуст дар шакли рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Саъй шудааст, ки мавқеъ ва таҳаввулоти маъноӣ, корбурди аслӣ ва маҷозии вожаҳои омиёна дар иртибот бо ҳадафҳои услубӣ тасниф карда шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши хусусиятҳои хоси унсурҳои омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар дар ҳалли як қатор масоили назариявии лексикӣ, услубӣ ва услубҳои фардӣ-эҷодии шоирони дигар метавонад ҳамчун асос ва замина хидмат намояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ чун лексикология, таҳлили матни бадеӣ, услубшиносӣ истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаю хулосаҳои диссертатсия ба нависандагон, муаллимони забон ва адабиёти тоҷик, ба тартибдиҳандагони луғатҳои шевагӣ, муҳаққиқони шевашинос, таълифи китобҳои дарсии «Таърихи забони тоҷикӣ», «Лексикология»-и мактабҳои олӣ ва таҳсилоти ҳамагонӣ ва ҳангоми гузаронидани дарсҳои махсус ва семинарҳо ёрӣ хоҳад расонд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба табъ расонидаи муҳаққиқ муҳтавои рисоларо комилан инъикос менамоянд.

Вобаста ба дастовардҳои зикршуда, шурои олимони факултети филологияи тоҷик ва журналистика бо қарори №2, аз таърихи 22.09.2022 диссертатсияи номзадии Ҷалилова Анварбӣ Неъматовна дар мавзуи «Унсурҳои забони омиёна дар ашъори Ашӯр Сафар» кори муҳиму арзишманд арзёбӣ намуда, онро комилан анҷомёфта меҳисобад.

Диссертатсия ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ буда, онро метавон ба баррасии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – забони тоҷикӣ тавсия намуд.

Иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷаласаи №2 аз 22-юми сентябри соли 2022.

Раиси шурои олимон,
н.и.ф, дотсент: Абдусамадзода Эраҷ Абдусамад.

Муқарризон:
д.и.ф., профессори кафедраи
услубшиносӣ ва таҳрири
адабии ДМТ: Мирзоева М.М.
н.и.ф., дотсент, мудири кафедраи
таҳсилоти ибтидоии ДДК
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Шералиева С.М.

Котиб, н.и.ф., саромӯзгор: Исмоилова Ф.Қ.

Имзоҳои н.и.ф., Абдусамадзода Э.А., Шералиева С.М. ва Исмоилова Ф.Қ.- ро тасдиқ менамоям.
сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06,
«___» сентябри соли 2022.

Имзои Мирзоева М.М.-ро тасдиқ мекунам:
сардори РК КМ ДМТ: Тавқиев Э.Ш.

Суроғa: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«29» сентябри соли 2022.